«Тасдиқ мекунам»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п., дотсент
_______________Сафарзода Д.Ҷ.
«_15_»__август__2025 сол

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ – ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф таҳқиқоти илмии анҷомёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шуда, муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Таҳқиқоти рисолаи илмӣ дар заминаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст. Хотирнишон бояд сохт, ки таҳқиқи рисолаи илмӣ аз соли 2019 оғоз гардида, соли 2025 ба анҷом расидааст. Дар доираи таҳқиқоти илмии

худ бо мақсади пурраю низомнок омӯзиши андешаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар хусуси шароити зисту эҷодиёти мутафаккир, вазъи ҳуқуқии подшоҳ, вазир ва дигар шахсони мансабдори давлатию ҷамъиятӣ, муносибати ҳокимият бо ҷомеа, ҳолати ҳуқуқии субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ дар муносибатҳои маъмурию идоракунӣ, оилавӣ ва дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ кӯшиш намуда, онро шартан ба ду марҳила ҷудо намудааст: а) танзими ҳуқуқии падидаи идоракунии давлатӣ ва муносибатҳои ҳокимияту тобеият, муносибатҳои дигари ҳуқуқию ҷамъиятӣ дар асрҳои миёна то паҳн гардидани низоми ҳуқуқи шӯравӣ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ; б) таҳқиқи афкори сиёсию ҳуқуқии мутафаккирони форсу тоҷик дар замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти равандҳои нави инкишофи илм, барқарор намудани воқеияти таърихӣ-фарҳангии халқи тоҷик, бархурди тамаддунҳо, нигаҳдорӣ ва ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани дастовардҳои таърихию адабии миллати тоҷик мебошад, ки моро зарур аст онро барои наслҳои имрӯзу оянда нигаҳ дорем.

Саҳми шахсии муаллифи дисссертатсия ба сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон, андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ метавонанд саҳми назаррасро гузоранд. Аз ин рӯ, муҳаққиқ дар интихоби мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба иштибоҳ роҳ надода, балки мавзуи интихобнамудаи ӯ саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ бо навгонии илмии таҳқиқоти илмӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, хулоса ва тавсияҳои амалии муаллиф, мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд, ҳамчунин маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии байналмилаливу ҷумҳуриявӣ тасдиқ мегардад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти таърихӣ-назариявии ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар соҳаи таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро натиҷаҳои умумии назариявӣ-методологии зерин собит менамоянд: 1) асосҳои назариявӣ-методологии ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии мутафаккир таҳқиқ карда шудаанд; 2) ақидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқии мутафаккир дар робита бо фазои илмӣ ва фарҳангӣ асримиёнагии Шарқи наздик ва миёна таҳқиқ карда мешаванд; 3) имконияти истифодаи баъзе андешаҳои давлатию ҳуқуқии мутафаккир дар бахши тарбияи ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, боло бурдани фарҳанги ҳуқуқӣ, низоми давлатдорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ асоснок карда мешавад; 4) таҳқиқоти мазкур илми ватанӣ ва хориҷии назариявӣ-ҳуқуқиро дар самти омӯзиши таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат бо дарназардошти таҷрибаи миллӣ ғанӣ мегардонад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, масоили қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш гардидааст, аз мавқеи мустақили диссертант оид ба таҳқиқоти мазкур иборат буда, асосноккунии нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз

доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти илмии мазкур мустақилона навишта шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқи диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар самти таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошад. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои илман асоснок ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқшиносӣ ва такмили муносибатҳои идоракунию ҳуқуқӣ ва рушди низоми ҳуқуқи миллӣ аҳамияти назаррас доранд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо нуктаҳои илмии зерин, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, собит мегардад:

1. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ҳалли масъалаҳои зиёди ҳуқуқӣ қонунҳои мантиқ ва усулҳои хулосабарории ақлгароиро васеъ истифода намуда, ҳамзамон ба арзишҳои инсондӯстонаи умумибашарӣ ва манфиатҳои ҷамъияту шахс диққати хосса додааст. Ӯ на танҳо мавқеи фиқҳи расмиро мустаҳкам сохт, балки дар доираи усули одобноманависӣ («Насиҳат-ул-мулук»), ки асрҳои миёна дар Шарқ хеле ривоҷ ёфта буд, самти дурусту оқилонаи шарҳи вазъи ҳуқуқии подшоҳон, шахсони мансабдор, табиати ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ, шаклҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқ, соҳаҳо, сохторҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи аҳли ҷомеаи онвақтаро дар маҷмуъ ба роҳ мондааст.

2. Пайдоиши ҳокимиятро Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар madди аввал бо иродаи илоҳӣ асоснок карда, бо истифода аз сиёсат ва ахлоқ масъалаҳои адолати иҷтимоӣ, ҳаққоният ва қонуниятро дар шакли насиҳат хеле моҳирона шарҳ додааст. Дар афкори вай дар раванди ташаккули ҳокимият ҷаҳонбинии подшоҳон аҳаммияти аввалиндараҷа

дошта, ҳангоми муайян сохтани моҳият ва табиати ҳокимият ба пойдорӣ ва устувории ҷамъияту давлат, афзалияти адлу инсоф, сабру таҳаммул, ҳақиқат ва бовиҷдонӣ дар корҳои идоракунии давлатӣ ва фазилатҳои шуҷоат, иффат, хирад ва ғайра аҳаммият дода мешавад. Ба ақидаи мутафаккир ҳокимияти давлатӣ ҳамчун шакли махсуси сиёсат, ахлоқ ва ҳуқуқ дар ҷамъият, дар қатори дигар шаклҳои ташкили ҳокимият ва идоракунӣ нақши сарвариро низ бар уҳда дорад.

3. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз зумраи аҳли тасаввуф буда, мавқеъ ва диди хоси ҳуқуқӣ дорад ва ҷонибдори таълимоти волоияти адолат дар ҷомеа ва маҳкама мебошад. Муносибати вай дар самти адолат ва адолатпешагӣ бо андешаҳои мутафаккир дар бораи вазъи ҳуқуқии ҳокимону амирон, подшоҳон, вазирон, дабирон ва дигар ашхоси мансабдор робита дорад. Мутафаккир дар бораи вазъи ҳуқуқӣ ва рафтори шахсони мансабдори давлатӣ, хусусан дабирон (котибон) ва мушовирон ақидаҳои муҳимро пешниҳод намуда, шараф ва виҷдони мансабдоронро кафолати адолати иҷтимоӣ мешуморад.

4. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷонибдори давлати шоҳӣ буда, зарурияти онро дар он медид, ки танҳо сарвари давлат метавонад одамонро аз ҷабру зулми якдигар раҳонад ва ҳаёти ҷамъиятро танзиму мураттаб намояд. Ба ин кор танҳо шоҳи одил дастёб шуда метавонад. Ӯ дар таълимоти хеш ба се рукни асосии ҷомеа – раият, давлат ва шоҳ, диққат додааст. Ба андешаи мутафаккир, ҷамъияти инсонӣ аз мавҷудияти аркони зикршуда иборат буда, зуҳур ва амали онҳо гуногун ва аз ҳам фарқкунанда мебошанд.

5. Мутафаккир нақш ва нуфузи баланди раиятро дар пешрафти ҷомеа эътироф мекунад. Маҳз гуногунтабъиву мухталифии қобилияту истеъдоди раият ва гуногунии мизоҷи онҳо зарурияти падид омадани шоҳ ва дастгоҳи идоракунӣ – давлатро, ба амал меорад. Мақсади таъсиси ҳокимият ва давлатро риояи адолат ҳамчун талаботи

пешниҳодшаванда ба мардум ва башарият ташкил медиҳад. Ин талаботи асосии «давлати комил» ва инсони такомулёфта аст, ки бо ду роҳ таъмин карда мешавад: а) тавассути ташаккули маърифати умумӣ, шуури баланди ҷамъиятӣ ва тарбияи баланди ахлоқӣ; б) бо роҳи риояи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ.

6. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ зидди ситам ва озори мардум буда, идоракунии истибдориро намепазируфт, зеро дар он манфиатҳои ҷомеа ва ҳуқуқу озодиҳои раият поймол карда мешаванд. Мутафаккир аз таҷрибаи подшоҳони одил ва ғояи «ҳокимияти одил”-и донишмандони пешин пуштибонӣ намуда, назарияи устуворро асоснок кардааст. Назарияи мазкур бо истифода аз усули ақлгароёна асоснок карда шуда, ба ғояҳои идоракунии устувори адолатпеша, риояи қатъии меъёрҳои таъсиси ҳокимияти давлатӣ, фазилату ҳикмати подшоҳ, муносибати одилонаи подшоҳ ба раият, одоби умури давлатӣ ва инсондӯстӣ такя дорад.

7. Сарчашмаҳои таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадониро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо сохт: а) динӣ (Қуръон, ҳадисҳои пайғамбар, иҷмоъ, иҷтиҳод, фатво, қиёс); б) ақлӣ (андешаҳо ва таҷрибаи шахсии муҳаққиқ); в) амалӣ (таҷрибаи идоракунии давлатӣ, санадҳои ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ, созишномаҳои гуногун байни давлатҳо).

8. Фаъолияти тафсирӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошад. Мутафаккир бо истифода аз таҷрибаи дар ин соҳа ташаккулёфта ба шарҳи муфассали меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ, ки дар он давраи низоми ҳуқуқӣ ҳукмрон буд, таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Тафсири ҳуқуқӣ дар асарҳои мутафаккир дар робита бо фаъолияти сохторҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, бо мақсади такмили фаъолияти онҳо ва таъмини самаранокии татбиқи меъёрҳо ба роҳ монда мешавад. Илова

бар ин, мутафаккир зарурияти ташаккули соҳаҳои гуногуни ҳуқуқро асоснок мекунад.

9. Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба ҳуқуқи андозу закот ва намудҳои молиёт, риояи ҳуқуқу манфиатҳои одамон ҳангоми баамалбарории ҳокимият дар раванди ҷамъоварии молиёт, риояи адолати судӣ ва идоранамоӣ, адолат ва таъмини муносибати инсондӯстона бо аъзои ҷомеа, риояи адолат ва ба инобат гирифтани имконияти модию иқтисодии одамон дар муносибатҳои андозию молиётӣ пешниҳод карда мешаванд. Илова бар ин, ақидаи мутафаккир оид ба ҷавобгарии андозсупорандагон баён мешавад.

10. Дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ манфиатҳои инсон дар мадди аввал гузошта мешаванд. Айни замон манфиатҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҷудо карда мешаванд. Ба ақидаи ӯ имтиёзҳои алоҳида ва манфиатҳои инсон танзими ҳуқуқиро талаб менамоянд. Имтиёзҳои мазкур дар мадди аввал ҳуқуқҳои занону кӯдаконро таъмин мекунанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия доир ба муҳтавои диссертатсия унвонҷӯ мақолаи илмӣ, аз ҷумла адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва адади он дар нашрияҳои дигар ба нашр расидаанд.

**[1-М].** Калонов, Ф.М. Афкори ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. [Матн] / Ф.М. Калонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикисон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2019. – № 8. – С. 235-239.

**[2-М].** Азиззода У.А., Калонов Ф.М. Мавқеи таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии Шарқ. [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.М. Калонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ). 2022. – № 3(27). – С. 48-59.

**[3-М].** Калонов Ф.М. Иникоси маърифати ҳуқуқӣ ва вазъи сиёсии асри XIV дар эҷодиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. [Матн] / Ф.М. Калонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. 2024. – № 4(16). – С. 161-166.

**[4-М].** Калонов Ф.М. Мафҳуми давлат ва ҳокимият дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. [Матн] / Ф.М. Калонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикисон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2025. – № 1. – С. 242-247.

**[5-М].** Калонов Ф.М. Таносуби ҳуқуқ, ахлоқ ва сиёсат дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. [Матн] / Ф.М. Калонов // Идракунии давлатӣ. 2025 / №1 (72). – С. 274-281.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Калонов Ф.М. Нақши давлат ва ҳуқуқ дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Мводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили ҳуқуқи инсон. (7 декабри соли 2020). Душанбе, С. 433-440. (Сах умуми 510).

**[7-М]. Калонов, Ф.М. Мирзозода А.С.** Иъникоси давлат ва ҳуқуқ дар асарҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар таҳким ва такомули соҳаҳои ҳаётан муҳими

хоҷагии халқи мамлакат» (27 уми декабри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С.137-139.

**[8-М]. Калонов Ф.М., Салимов С.** Андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар афкори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021». – (27 уми феврали соли 2021) – Душанбе, 2021. – С. 51-54.

**[9-М]. Калонов Ф.М., Шокирова С.** Муносибати мутақобилаи ахлоқ ва ҳуқуқ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар таҳким ва такомули соҳаҳои ҳаётан муҳими хоҷагии халқи мамлакат». – (27 декабри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С.140-142.

**[10-М]. Азиззода, У.А., Калонов, Ф.М.** Таълимоти давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.М. Калонов // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. – 2022. – №2. – С. 12-20.

**[11-М]. Азиззода У.А., Калонов Ф.М.** Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба вазъи ҳуқуқии подшоҳон, вазирон ва амалдорон / Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои назариявии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон” (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 72-83.

**[12-М].** Калонов Ф.М. Нақши арзишҳои ҳуқуқиву ахлоқӣ дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Конститутсия ҳамчун омили устувории давлат». (Конституция как фактор стабильности государства) (25 октябри соли 2024). Душанбе. 2024.– С. 26-32.

**[13-М].** Калонов Ф.М. Шарҳи мухтасари таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Нақши Пешвои миллат дар густариши

маърифати ҳуқуқии ҷомеа» бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ». (ш. Душанбе, 8 июни соли 2024). – Душанбе: «Хирадмандон», 2025 – С. 305-313.

**[14-М] Калонов Ф.М.** Шарҳи мухтасари таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба ҳокимият / Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (6 декабри соли 2024). – Душанбе: 2024. – 648 с. – С. 619-624.

**[15-М]. Калонов Ф.М.** Ақидаҳои давлатию ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / Материалы Международной научно-практической конференции XV Ломоносовские чтения «Кооперация науки и национально оррентированных стратегий: цифровая модернизация и иновационное развитие» (22-23 апреля 2025 года). Часть II. Гуманитарные науки. – Душанбе, 2025. – 591 с. – С. 382-387.

**Мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо навгонии илмии таҳқиқоти илмӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, хулоса ва тавсияҳои амалии муаллиф, мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд, ҳамчунин маърузаҳои муаллиф дар конфренсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии байналмилаливу ҷумҳуриявӣ тасдиқ мегардад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима шудааст. Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии зерин дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд:

Ҳаҷми диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 тартиб додани дараҷаҳои, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамояд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Доир ба мӯҳтавои диссертатсия унвонҷӯ мақолаи илмӣ, аз ҷумла адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва адади он дар нашрияҳои дигар ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифода амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 197 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия**.

Бояд қайд кард, ки дар диссертатсия дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ баъзе камбудиҳои ҷузъи низ ба чашм мерасанд, ки ба шумули онҳо метавон инҳоро мансуб донист:

1. Нуқтаи дуюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба талаботи навгонӣ мутобиқат намекунад. Истифодаи таҷрибаи таърихӣ дар сиёсати муосири арзишҳои ҳуқуқукиву ахлоқӣ, гарчанде аз ҷиҳати назариявӣ дуруст бошад ҳам, вале пешниҳодҳои шабеҳ дар асарҳои ҳуқуқи муқоисавӣ борҳо баён гардидаанд. Гузашта аз ин, бидуни нишондоди мушаххас, ки кадом унсурҳои таҷрибаи таърихии давлатдории тоҷиконро метавон ба таври самаранок истифода бурд ва чӣ гуна бояд ба шароити муосир мутобиқ карда шавад маълум нест.

2. Диссертант дар қисми 8-уми навгониҳои илмии ба ҳимоя пешниҳод шаванда, чунин иброз медоранд, ки фаъолияти тафсирӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба ҳисоб меравад ва мутафаккир зарурияти ташаккули соҳаҳои гуногуни ҳуқуқро дар асарҳои худ асоснок мекунад. Вобаста ба ин нуқтаи пешниҳод гардида аз диссеретант хоҳиш карда мешавад, ки доир ба ҳайси муфссир фаъолият доштан ва ташаккули кадом соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ аз ҷониби мутафаккир пешниҳод гардидааст мушахассан асоснок менамуданд.

3. Муаллифи диссертатсия дар банди 6-уми тавсияҳо оид ба натиҷаҳои амалии таҳқиқот пешниҳод менамояд, ки ақидаҳои

мутафаккир оид ба таъмини адолат ва адолатпешагӣ бояд ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ ва татбиқи ҷазо дар самти иҷрои вазифаи давлатӣ, амалӣ намудани адолати судӣ, ҷамъоварии молиёту андоз, муносибатҳои никоҳу оилавӣ, мерос ва тарбияи фарзандон истифода шаванд. Албата ин пешниҳод хуб аст ва дар шароити имрӯзаи рушди ҷомеа чи гуна ва бо кадом усул онро метавон ба субъектони фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ расонид. Дар ин хусус хуб мебуд, муҳаққиқ андешаҳои худро оид роҳҳои татбиқи ин ва дигар тавсияҳои амалии дар натиҷаи таҳқиқот пешниҳод намудаи худ мухтасар иброз медошт.

Камбудиҳои зикршуда арзиши баланди илмии диссертатсияро коста намегардонад ва муҳтавои кор ба нуктаҳои асосии диссертатсия мувофиқ аст. Таълифоти нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф ба талаботи бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйироту иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти 295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва афтореферат дар семинари васеи илмӣ назариявии кафедраи ҳуқуқи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 10 нафар: Тарафдор 10 нафар, муқобил нест бетараф нест. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №1 аз 14-уми августи соли 2025.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Холинова М.М., мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 10 нафар: тарафдор 10 нафар, муқобил нест бетараф нест. Протоколи кафедра таҳти №1 аз 14-уми августи соли 2025.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи
факултети ҳуқуқшиносии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулхонов Ф.М.

**Ташхисгар:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи назарияи
давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Холинова М.М.

**Котиб:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Солиева Н.Ш.

**Имзоҳои** Холинова М.М., Абдулхонов Ф.М., Солиева Н.Ш. -ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.

14.08.2025

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: 224-17-86, 224-83-93 (факс), email: info@apa.tj.